**ТАҚРИЗИ**

**мушовири илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.**

Мавзуи диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло ба яке аз мушкилоти мубрами назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шудааст. Муаллиф мавзуъро дар сатҳи баланди илмӣ таҳлил намудааст, ки натиҷаҳои бадастовардааш барои рушд ва такмили қонунгузории соҳа ва низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ басо муфид мебошанд. Таҳқиқоти мазкур имкон додааст, ки як қатор муқаррарот, таклифу тавсияҳои нав ҷиҳати мукаммалгардонии минбаъдаи қонунгузорӣ дар соҳаи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд тавсия шаванд. Ҳамзамон дар рисола мафҳумҳои нави илмӣ низ пешниҳод гардидааст.

Аҳаммияти рисолаи мазкур барои кишвари мо тавассути омилҳои зерин инъикос меёбад:

- муқарраpоти назариявӣ ҷиҳати такмил додани фаъолияти судҳо ва мақомоти иҷрокунандаи ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардани озодӣ ва маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ;
- барои ба низом даровардан ва таҳияи ақидаҳои илмӣ оид ба мазмуни ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, инчунин, механизми таъин ва иҷрои ин намуди ҷазоҳо;
- роҳҳои баланд бардоштани самаранокии татбиқи намудҳои ҷазоҳои дар асоси қонунгузории ҶТ татбиқшаванда;
- дар таҷрибаи судӣ ва мақомоти иҷрокунандаи ҷазо, инчунин, аз ҷониби прокурорҳое, ки риояи қонунро дар муассисаҳои ислоҳӣ назорат мекунанд, ҳангоми иҷрои ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд;
- дар раванди тадриси муассисаҳои таълимии Донишгоҳи миллӣ, Вазорати корҳои дохилӣ ва дигар донишгоҳҳои олӣ, ки дорои ихтисосу факултаҳои ҳуқуқшиносӣ дар соҳаи қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошанд;

- дар таҳияи асарҳои илмию таълимӣ, аз ҷумла таҳияи воситаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии "Ҳуқуқи ҷиноятӣ" ва "Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;

- ҳангоми таҳияи тафсирҳои илмию расмӣ аз ҷониби олимон ва мақомоти қонунгузор.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиш ва таҳқиқоти доктриналӣ, ҳуқуқтатбиқсозӣ ва мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятӣ, таъин ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар соҳаи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд намуд, ки барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда муҳаққиқ вазифаҳои зеринро дар назди худ гузоштааст:

– омӯзиши мафҳум ва моҳияти ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошад;

– омӯзиши проблемаҳои мақсадҳои ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳқиқи низоми ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– баррасии асосҳои ҷудо намудани ҷазоҳои ҷиноятӣ ба ҷазоҳои асосӣ ва иловагӣ;

– муайян кардани моҳият ва мазмуни корҳои ҳатмӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ;

– муайян кардани моҳият ва мазмуни корҳои ислоҳӣ;

– муайян кардани мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқии маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ;

– муайян кардани мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқии маҳдуд кардани озодӣ;

– таҳқиқ намудани таъини ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ;

– баррасӣ намудани таъини ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ;

– омӯзиши таъини ҷазо дар намуди маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ;

– омӯзиши таъини ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ;

– баррасии танзими ҳуқуқии иҷрои корҳои ҳатмӣ;

– баррасии иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ;

– баррасии иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ;

– баррасии иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ.

Навгонии илмии диссертатсия бо нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, собит мегардад. Ин нуктаҳои илмӣ дар заминаи натиҷаҳои илмии зерин пешниҳод мешаванд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳқиқоти комплексию доктриналӣ, ҳуқуқтатбиқсозию мукаммалгардонии ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ифода меёбад. Ҳамзамон, таҳқиқоти мазкур яке аз нахустин таҳқиқотҳои мукаммали илмӣ мебошад, ки тамоми паҳлуҳои ҷазоҳои ҷиноятии корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодӣ, ба монанди мафҳуму моҳият, тартиби таъин ва иҷрои онҳоро дар доираи як таҳқиқот фаро мегирад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи коркарди илмии он нишон дода шудааст.

Зокирзода З.Х. соли 2013 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст. Рисолаи номзадиро соли 2020 дар мавзуи «Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ» дифоъ намудааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Зокирзода Зафар Хайрулло ҳамчун докторант (унвонҷӯ)-и кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Аз соли 2014 то имрӯз ба ҳайси ассистент ва дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт фаъолият мекунад.

Сохтори диссертатсияи Зокирзода З.Х. аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, панҷ боб, понздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 409 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар мукаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқик, ҳадаф ва вазифаҳои он он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назарӣ ва амалӣ муайян карда шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия «Моҳият, мақсад ва низоми ҷазо дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» масъалаҳои мафҳум ва моҳияти ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошад, проблемаҳои мақсадҳои ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асосҳои ҷудо намудани ҷазоҳои ҷиноятӣ ба ҷазоҳои асосӣ ва иловагӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст.

Диссертант зикр менамояд, ки нақши ҷазоҳои бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд дар ҷомеаи мо бояд

аз аҳаммияти бисёр муҳим бархӯрдор бошад, зеро он дар замони на чандон дур ташаккул ёфтааст ва ба таври анъанавӣ ва фаъолона имрӯз даъвову тақозоҳои репрессивӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ касб намудааст.

Муаллиф иброз менамояд, ки дар ин сатҳ муайян кардани соҳаву гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар онҳо намунаи ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд шакл гиранд, душвор ва ҳатто номумкин аст. Вале ошкор аст, ки чунин муносибатҳо муносибатҳое мебошанд, ки зарурати истифодаи ҷазоҳои ҷиноятиро дар ҷомеа ба миён меоваранд. Яъне, ин сазоҳое мебошанд, тавассути онҳо тасаввури шахс доир ба методҳои муассиртари мубориза бо ҷинояткорӣ ва ҳамчунин, дар бораи нақшу аҳаммияти идеяҳои гуманистиву адолатпарварӣ дар таъини ҷазоҳои ҷиноятӣ ташаккул меёбад. Ба андешаи диссертант мақсади ҷазо аз вазифаҳои пешбининамудаи қонуни ҷиноятӣ бармеоянд, самти фаъолиятҳои суд, мақомоти масъули таъин ва иҷрои ҷазоро мушаххас месозанд.

Диссертант иброз медорад, ки ҷазо аз рӯи моҳияти худ ҳамчун чораи маҷбурии давлатиест, ки тавассути суд нисбати шахсе татбиқ мегардад, ки ӯ дар содир намудани ҷиноят гунаҳкор дониста мешавад. Хусусиятҳои сазодиҳандагии ҷазо, ки аз истифодаи чораҳои маҳрум ва маҳдуд сохтани озодиҳои шаҳрвандӣ нисбат ба шахси гунаҳкор иборатанд, мақсадҳои ҷазоро ба марҳалаи иҷро мерасонанд. Ҳамзамон, сазо воситаест, ки шахсро аз имкони содир намудани ҷинояти нав маҳрум месозад. Хусусиятҳои сазодиҳандагии ҷазо тавассути истифодаи равишҳои маҷбурии татбиқи ҷазо таъмин мегарданд.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ – «Мазмуни ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд»-ро фаро гирифта, масъалаҳои моҳият ва мазмуни корҳои ҳатмӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ, моҳият ва мазмуни корҳои ислоҳӣ, мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқии маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқии маҳдуд кардани озодӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки корҳои ҳатмӣ ҳамчун яке аз намудҳои нави ҷазои ҷиноятӣ айни замон дар қонунгузории ҷиноятии тамоми кишварҳои пасошуравӣ муқаррар гардидааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҷазои мазкур дар низоми ҷазои ҷиноятӣ мавҷуд буда, аз соли 2004 инҷониб таъин карда мешавад. Ҷазои мазкур дорои мазмуну моҳияти худ буда, метавонад мақсадҳои ҷазои ҷиноятиро пайгирӣ намояд. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ атрофи мазмуну моҳияти ҷазои мазкур баҳсу мунозираҳои мухталиф ҷой дорад. Бисёре аз олимон оқибатҳои

тарбиявию сазоии ҷазои мазкурро нишон дода, мазмуну моҳияти ҷазои корҳои ҳатмиро равшан намудаанд.

Муаллиф таъкид менамояд, ки дар марҳалаи ҳозираи тараққиёти ҷамъиятӣ дар низоми ҷазои ҷиноятӣ корҳои ислоҳӣ ҷои муҳимро ишғол мекунад. Бартарии корҳои ислоҳӣ дар он аст, ки ба маҳкумшуда ҳангоми адои ҷазо ҳам таъсири моддию маънавӣ мерасад, дар сурате, ки ҷинояткор дар озодӣ мемонад. Ин равиш маънои онро дорад, ки мақсадҳои ҷазои ҷиноятӣ тавассути ҳадди ақали воситаҳои иқтисодии зарурӣ барои ислоҳи маҳкумшуда аз давлат талаб карда мешаванд.

Муаллиф бар он андеша мебошад, ки маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ яке аз ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошад арзёбӣ мегардад. Қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ маҷмуи кофии воситаҳои таъсиррасониро ба хизматчиёни ҳарбие, ки ҷиноят содир намуда ва гунаҳгор дониста шудаанд, пешбинӣ менамояд. Ин бошад, ба мустаҳкам шудани интизоми ҳарбӣ, тарбияи кадрҳо ва дар натиҷа пешгирии содир гардидани ҷиноят ёрӣ мерасонад.

Диссертант иброз медорад, ки маҳдуд кардани озодии шахс яке аз намудҳои асосии ҷазои ҷиноятист, ки он аз маҳдуд сохтани ҳуқуқ ва озодиҳои шахси гунаҳкор дар содир намудани ҷиноят тавассути нигоҳ доштани ӯ дар муассисаи ислоҳӣ иборат мебошад. Ҳамин тавр, маҳдуд кардани озодӣ як намуди ҷазои ҷиноятие мебошад, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошад, бо маҳдуд шудани ҳуқуқҳои маҳкумшуда ва иҷрои уҳдадориҳои иловагӣ бо адои ҷазо дар ҷои истиқомати худ ифода карда мешавад.

Боби сеюм «Таъини ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд» аз чор зербоб иборат аст. Муаллиф бар он андеша аст, ки муҳлати корҳои ҳатмӣ барои шахсони бекор то 8 соат дар як рӯз муқаррар шавад. Чунин таҷриба дар Федератсияи Россия низ мавҷуд мебошад, ки мувофиқи қонунгузории он 480 соат корҳои ҳатмӣ ба тариқи максималӣ пешниҳод шудааст, ки агар шахс 8 рӯз дар давоми рӯз иҷро кунанд дар давоми 2 моҳ ба таври пурра ҷазоро адо мекунад, ки таъини ҷазоро сабук намуда, ба мартаботи низоми ҷазо, ки аз ҷазои сабук ба ҷазои вазнин сурат мегирад, мувофиқат менамояд. Ин ба маҳкумшуда имконият медиҳад, ки муҳлати ҷазоро ҳар чӣ зудтар адо намояд ва ҳам бо кор таъмин намудани маҳкумшударо осонтар менамояд.

Диссертант иброз менамояд, ки корҳои ислоҳӣ яке аз ҷазоҳое ба ҳисоб меравад, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста

намебошад, дар амалия ба таври васеъ татбиқ карда мешавад. Аммо, таҳлили омори таъини ҷазои мазкур, ҳукмҳои судӣ ва андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ нишон медиҳанд, ки дар амалияи таъини корҳои ислоҳӣ баъзе масъалаҳои ҳалталаб мушоҳида мегардад. Омӯзиш ва таҳқиқи амалияи татбиқи ҷазои корҳои ислоҳӣ ба ҳалли мушкилоти ҷойдошта дар самти мазкур, такмили қонунгузорӣ, бартараф намудани баъзе камбудиҳое, ки дар ҳукмҳои судӣ ба назар мерасанд ва дигар масъалаҳои муҳими назарию амалӣ мусоидат менамояд.

Ба андешаи муаллиф ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, ки нисбат ба хизматчиёни ҳарбие, ки аз рӯйи шартнома хизмати ҳарбиро адо менамоянд, фақат метавонад ба сифати намуди ҷазои асосӣ татбиқ гардад (қ. 1, м. 48 КҶ ҶТ). Танҳо ҷазои иловагие, ки метавон онро ба ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ҳамроҳ намуд, ин маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба ҳисоб меравад.

Диссертант иброз менамояд, ки нуқсу камбудиҳои зикршудаи қонуни ҷиноятӣ ба он оварда мерасонад, ки намудҳои нави ҷазо аз ибтидо наметавонанд иҷрои мақсадҳои ҷазоро таъмин созанд. Ҳамин тавр, ҷазои “нави” алтернативӣ дар намуди маҳдуд кардани озодӣ танҳо аз намуди таҳдидшудаи шартан татбиқ накардани ҷазо иборат мебошад. Моҳияти ин чораи маҷбурсозии давлатӣ ба монанди механизми таъин ва иҷрои он, ба таври оҷил ва ҳатмӣ ба коркарду ислоҳи ҷиддӣ ниёз дорад. Механизми таъини ҷазои маҳдуд кардани озодӣ дар Тоҷикистон, ба як қатор мушкилотҳо ва камбудиҳои сохторӣ ва амалӣ мувоҷеҳ аст.

Боби чорум «Иҷрои ҷазоҳои бо фаъолияти ҳатмии меҳнатии маҳкумшудагон алоқамандбуда» аз ду зербоб иборат аст.

Диссертант таъкид менамояд, ки дар қонунгузорӣ бояд бо истилоҳи зерин: «Корҳои ҳатмӣ дар ҳудуди минтақаи шаҳрӣ ё маҳалҳои ноҳия, ки маҳкумшуда воқеан зиндагӣ мекунад, адо карда мешавад» ва «вале дар маҳалли истиқомати маҳкумшуда» ба истилоҳи «вале дар ҳудуди минтақаҳои шаҳрӣ ё ноҳияе, ки маҳкумшуда воқеан зиндагӣ мекунад» иваз карда шавад. Ин имкон медиҳад, ки ҳудудҳое, ки намудҳои ҷазои мавриди назар адо карда мешаванд, мушаххас карда шуда, дар таъин ва иҷрои онҳо номуайянӣ ҳаллу фасл карда шавад.

Ба андешаи муаллиф асоси моҳияти корҳои ислоҳӣ ин ислоҳ ва тарбияи маҳкумшуда мебошад, новобаста аз он ки дар шакли иҷрои корҳои меҳнатӣ, таълимӣ ё тарбиявӣ амалӣ карда мешавад. Аммо, кормандони нозироти корҳои ислоҳӣ бошанд, аксаран таҳсилоти ҳуқуқӣ

дошта, аз донишҳои педагогию психологӣ бархӯрдор намебошанд. Бинобар ин, дар муносибат бо маҳкумшудагон нақши педагог ва равоншинос хеле калон мебошад. Бо ин назардошт, беҳтар мебуд, ки дар нозироти корҳои ислоҳӣ оид ба иҷрои корҳои ислоҳӣ воҳиди кории педагог-равоншинос ташкил карда шавад.

Боби панҷум «Иҷрои ҷазоҳои бо маҳдуд кардани озодӣ алоқамандбуда» аз ду зербоб иборат аст.

Диссертант таъкид менамояд, ки қонунгузории ҶТ оид ба иҷро намудани ҷазо дар намуди маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ субъектони дахлдорро ба таври васеъ муқаррар кардааст, ки олимони хориҷӣ онро ҳамчун таҷриба ҷиҳати истифода дар қонунгузории худ қобили қабул донистаанд. Бинобар ин, дар аксари масъалаҳо мо такя ба омӯзиши таҷрибаи қонунгузории хориҷӣ менамоем, вале дар масъалаи баррасишаванда олимони хориҷӣ такя ба қонунгузории мо намудаанд, ки рушди қонунгузории кишварро ифода менамояд.

Муаллиф иброз менамояд, ки мафҳуми мақоми ҳуқуқии маҳкумшудагон дар адабиёти ҳуқуқии ҷиноятӣ дар шакли зарурӣ муқаррар карда нашудааст. Қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ низ ба ин масъала ишора наменамояд. Танҳо аз мазмуни меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ, қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳукми суд метавон оид ба таъин намудани ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ (ҳуқуқ, маҳдудиятҳо ва уҳдадориҳои маҳкумшуда) шинос шуд, ки инҳо дар маҷмуъ мақоми ҳуқуқии маҳкумшударо ифода менамоянд. Ҳамин тавр, мақоми ҳуқуқии маҳкумшуда гуфта, вазъи ҳуқуқии ӯро ҳангоми иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ фаҳмидан лозим аст, ки дар ҳуқуқу озодиҳо, уҳдадориҳо ва маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ нисбати маҳкумшуда ифода меёбад.

Ба андешаи муаллиф натиҷаи ба роҳ мондани иҷрои матлуби иҷрои ҷазои маҳдуд кардани озодӣ ба иҷрои мақсадҳои ҷазо мусоидат мекунад. Дар ҷараёни иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ ба ҳамаи мақсадҳои ҷазои ҷиноятӣ ноил шудан мумкин аст. Аммо ноил шудан ба мақсадҳои ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ танҳо пас аз ворид намудани тағйироти дахлдор ба қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ имконпазир мегардад.

Дар асоси ҷамъбасти таҳлилу таҳқиқи илмӣ оид ба ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мукаммалгардонии

қонунгузорӣ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, муаллиф ба хулосаи ниҳоӣ омада, дар рисола пешниҳодҳои судманд оварда шудааст.

Мавзуи диссертатсия ва мундариҷаи он дуруст ва ба мақсади рисола мувофиқ мебошанд. Хулосаҳои илмию тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда қобили қабуланд. Адабиёти дар диссертатсия истифодашуда дуруст мебошанд. Диссертант аз натиҷаи таҳқиқот хулосаҳои назарӣ бароварда, барои амалӣ кардани онҳо маслиҳатҳои муфид манзур гардонидааст.

Хулосаҳо ва пешниҳодоти таҳқиқот ба воситаи заминаҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок гардидаанд. Пеш аз ҳама, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба воситаи мухолифат надоштани онҳо бо илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва мувофиқати методҳои илмии истифодашуда бо соҳаи илми ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ ифода меёбад.

Бояд тазаккур дод, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ бевосита аз ҷониби муаллиф иҷро шудааст, дар доираи пажуҳиш мафҳумҳои асосӣ шарҳ дода шуда, тамоюлҳои нав ошкор карда шудаанд, нуқсонҳо дар қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳангоми таъини ҷазоҳои корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодӣ аз ҷониби судҳо муайян гардида, роҳҳои ҳалли проблемаҳои мубрами дар ин самт ҷойдошта дар доираи муқаррароти илмӣ нишон дода шудаанд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, № 3) ҷавобгӯ

буда, чихати сазовор гардидан ба дарачаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Мушовири илмӣ:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шарипов Т.Ш.

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 918408600

Имзои Шарипов Т.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«03» ноябри 2025 с.

Суроға: Хиёбони Рудаки, 17, ш. Душанбе, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj